HZTTRMY
HOZIRGI ZAMON TA'LIM-TARBIYA TIZIMINI
RIVOJLANTIRISH: MUAMMO VA YECHIMLAR"
XALQARO ILMIY-AMALIY KONFERENSIYA
DENOV, 16-OKTABR 2025 YIL
in-academy.uz

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ

**Шабонова Анорхол Имомали қизи**
Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Денав факултети
Педагогика донишҷӯи
соли 2-юми гурӯҳи 108-БТ-тоҷик
Email: shabonovaanorxol@gmail.com
+998976968592
https://doi.org/10.5281/zenodo.17338870

**Аннотатсия**: Технологияҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилот баррасӣ шудааст. Муаллиф намудҳои асосии технологияҳои педагогии нав ва аҳамияти онҳо барои рушди хонандагонро шарҳ медиҳад.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои инноватсионӣ, сифати таълим, педагогика, STEAM, интерактивӣ.

**Аннотация:** Рассматриваются инновационные технологии в повышении качества образования. Автор описывает основные типы новых педагогических технологий и их значение для развития учащихся.

**Ключевые слова:** инновационные технологии, качество образования, педагогика, STEAM, интерактивность.

**Abstract:** Innovative technologies in improving the quality of education are discussed. The author explains the main types of new pedagogical technologies and their importance for the development of students.

**Keywords:** innovative technologies, quality of education, pedagogy, STEAM, interactivity.

Технологияҳои инноватсионӣ – маҷмӯи усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои навоварианд, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инсон, хусусан дар соҳаҳои таълим, илм, саноат ва иқтисод истифода мешаванд. Калимаи «инноватсия» аз лотинӣ гирифта шуда, маънояш «навоварӣ», «чизи нав ворид кардан». Баланд бардоштани сифати таълим хонандагон бештар фаъол мешаванд.Шавқовар гардидани омӯзиш раванд аз анъанавӣ фарқ мекунад.Сифати таълим – маҷмӯи нишондиҳандаҳоест, ки дараҷаи мувофиқат доштани таълимро ба меъёрҳои давлатӣ, талаботи ҷомеа ва эҳтиёҷоти шахсият нишон медиҳад. Ба сифати таълим на танҳо мазмун, балки усул, шароит ва натиҷаҳои таълим ҳам таъсир мерасонанд. Дар Конститутсия ворид шудааст ки боби алоҳида оид ба масъалаи ҷавонон аҳамияти калон дорад. Конститутсия масъалаи ҷавонон ва таълиму тарбияро дар мамлакати мо бо етибору бо еҳтиром бештар баланд мебардорад.

Дар соҳаи техналогия дар айни замон, барои қонеъ кардани ниёзҳои донишҷӯён ба гирифтани дониш, омузгор бояд технологияхои иттилоотии таълимиро азхуд кунад ва инчунин бо назардошти рушди онхо, та-вассути худомузии худ фарханги иттилоотии худро доимо такмил дихад. Педагогика - илмест, ки қонуниятҳои тарбия, таълим ва инкишофи шахсро меомӯзад. Калимаи «педагогика» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънояш «бачаҳоро роҳнамоӣ кардан» аст.Ҳамаи мо медонем ки пайдоиши педагогика аз давраи ғуломдор сар шуда дар он замон педагог меномиданд. Баъдан педагогон бо номи устоз ёки мураббӣ иваз карданд, Барои баланд бардоштани сифати таълим бо технология ва сифати таълим ба ҷавонон ҳиссаи педагогон баланд буда муҳаббат ба касб

меҳнат ва садоқат кафили муваффақият аст. Зеро муаллим дар ҳаёти ҷомеа баланд гардад, обрӯи мактаб боло рафта, арзиши соҳаи илму маориф ва тарбия меафзояд. Обрӯи муаллим бошад, обрӯи миллат, тамоми халқ аст.

Дар моддаи 52-юми Қомуси асосии мо омадааст, ки «Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон меҳнати омӯзгор ба сифати асоси рушди ҷомеа ва давлат, ташаккул додан ва тарбия намудани насли солим, баркамол, ҳифз ва ғанӣ гардонидани неъматҳои маънавӣ ва мадании миллат эътироф карда мешавад. Давлат дар бораи ҳифзи шаъну шарафи муаллимон, некуаҳволии иҷтимоию моддии онҳо, баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо ғамхорӣ мекунад», эътибори баланд ба омӯзгорон дар мамлакати мо мебошад.

STEAM – як равиши муосири таълимӣ буда, аз ибораҳои англисӣ гирифта шудааст: S – Science (Илм) T – Technology (Технология) E – Engineering (Муҳандисӣ) A – Arts (Санъат) M – Mathematics (Математика). Аввалан мафҳуми STEM (Science, Technology, Engineering, Mathematics) дар ИМА соли 1990 паҳн шуд.Сипас барои бештар эҷодӣ кардани раванд ба он “Arts” (санъат ва фанҳои гуманитарӣ) илова карда шуд ва мафҳуми STEAM пайдо гардид.Имрӯз ин равиш дар мактабҳо ва донишгоҳҳои ҷаҳон васеъ истифода мешавад.Ҳам илм ва ҳам санъатро дар як раванд муттаҳид месозад.Дониш бо таҷриба ва татбиқ пайваст мешавад муҳандисон, олимон, рассомон, барномасозон ва соҳибкасбони нав хонанда бо лоиҳа, озмоиш ва корҳои амалӣ машғул мешавад.STEAM барои ҳамма томактабӣ, мактаб, донишгоҳ, онҳое мехоҳанд дар заминаи илм, техника ва эҷодиёт рушд кунанд.

STEAM як равиши таълимии нав ва муосир буда, барои тайёр кардани насли эҷодкор, таҳлилгар ва мутобиқ ба талаботи асри XXI нақши муҳим мебозад. Он бо ҳамбастагии илм, технология, муҳандисӣ, санъат ва математика на танҳо дониш, балки малакаҳои ҳаётӣ ва касбиро ташаккул медиҳад. Интеракти - Мафҳум ва моҳиятаст, сухани «интерактив» аз калимаи англисӣ interactive гирифта шудааст, ки маънояш ҳамкорӣ, муошират ва таъсиррасонӣ ба ҳамдигар мебошад. Дар соҳаи педагогика ва таълим интерактив усул ё равише аст, ки дар он хонанда ва омӯзгор дар як раванд фаъолона иштирок мекунанд ва раванди таълим на танҳо «шунидану навиштан», балки ҳамфикрӣ, ҳамкорӣ ва мубодилаи фаъол мегардад.

Хулоса: Бо технологияҳои инноватсионӣ инсоният дуруст истифода барад сифати таълим баланд мешавад, технология наинки дар таълим дар медидсина,саноат, лабаратория, навовариҳо ҷавонони оянда самараи худро нишон медиҳанд дар асри XXI таълимро бо технологияҳо тасаввур карда намешавад дуруст ва оқилона истифода бурдан дар дасти ҳар як шахс аст.Технологияҳои инноватсионӣ яке аз муҳимтарин воситаҳои рушду тараққиёт буда онҳо ба тамоми соҳаҳо, хусусан маориф ва илм, ворид шуда, сифати таълим ва сатҳи дониши наслҳои навро баланд мебардоранд.

## Адабиётҳои истифодашуда:

1. Технологияҳои инноватсионӣ дар таълим ва тарбия. – Самарқанд Ирфон, 2019.
2. Методҳои интерактивӣ дар баланд бардоштани сифати таълим. – Бухоро ,2021
3. Таълим ва замони муосир: равишҳои инноватсионӣ. – Самарқанд, 2020.

4. Amirqulov, A. (2023). HUQUQIY MADANIYATNI SHAKLLANTIRISHDA O 'RTA ASRLAR SHARQ MUTAFAKKIRLARI MA'NAVIY MEROSINING ROLI. Евразийский журнал академических исследований, 3(1 Part 3), 76-79.